« Тасдиқ мекунам »

Вазири молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон

................................................

Қурбонов А.

«31» 01 с. 2014

# ДАСТУРАМАЛ

**оид ба таҳия намудани самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017**

(Марҳилаи - I)

**Душанбе - 2014**

Мундариҷа


1. Муқаррароти умумӣ ..... 3

2. Ташкили ҷараёни марҳилаи банақшагирии стратегии буҷети аз рӯи соҳаҳо 6

3. Муайян намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва дурнамои даромадҳои давлатӣ дар давраи миёнамӯҳлат ..... 7

4. Таҳияи буҷети базавӣ ..... 7

5. Таҳия намудани дархостҳо барои муайян намудани афзалиятҳои буҷетии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамӯҳлат ..... 10

6. Лоиҳаи нақшаи стратегии буҷетӣ ..... 13

7. Муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷот ..... 13

8. Таҳияи лоиҳаи «Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» ..... 15

Замимаи 1. Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ..... 16

Формаи 1.1 Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ..... 16

Формаи 1.2 Муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ..... 17

Формаи 1.3 Аҳоли ва бозори меҳнат ..... 17

Замимаи 2 Нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузорӣ, баҳодиҳӣ ва муайян намудани афзалиятнокии лоиҳаҳои нави инвеститсионӣ ..... 18

Нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузорӣ ..... 18

Баҳодиҳӣ ва муайян намудани афзалиятнокии лоиҳаҳои нави инвеститсионӣ ..... 19

Формаи 2.1: (Танҳо барои ВРИСЧТ) Харочотҳои базавии миёнамӯҳлат барои лоиҳаҳои амалкунандаи БИД ..... 22

Формаи 2.2. (Танҳо барои ВРИСЧТ) Харочотхои миёнамӯҳлатибазавӣ барои лоихахои амалкунандаи БМСА ..... 23

Формаи 2.3 (Танхо барои ВРИСЧТ) Харочотхои миёнамухлати лоихахои нави афзалиятноки БИД ..... 24

Формаи 2.4 (Танҳо барои ВРИСҶТ) Хароҷотҳои миёнамӯҳлати лоиҳаҳои нави афзалиятноки БМСА ..... 25

Формаи 2.5 Маълумоти муфассал барои лоиҳаи алоҳида(БИД ва БМСА) ..... 26

Замимаи 3.Форма барои таҳияи буҷети заминавӣ (базавӣ) ..... 30

Формаи 3.1 Тағйирёбии умумии нарх (индекси нарх) ..... 30

Формаи3.2 – Пешниҳоди бучети заминавӣ ..... 32

3.3. Тақсимоти буҷети заминавӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ ..... 32

Формаи 3.4. Тақсимоти буҷети заминавӣ аз рӯи барнома ..... 33

Формаи 3.5 Бучети заминави барои солхои 2015-2017 барои хар як вазифа/ зербарнома ..... 34

Замимаи 4 Афзалиятхои нави бучети ..... 36

Формаи 4.1 Чамъи афзалиятхои нави бучети ..... 36

Фотмаи4.2 Афзалиятхои миёнамухлати бучети барои солхои 2015-2017 ..... 37

Формаи 5.2 Таксимоти ҳадди ниҳоии харочоти соҳа ..... 39

Формаи мазкурро Вазорати молия ба ТАМБ пешниҳод менамояд ..... 39

Формаи 5. 3 Хадди нихоии харочоти ТАМБ ..... 40

## 1. Муқаррароти умумӣ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014 № 1- ф таҳия шудааст.

Банақшагирии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 аз ду марҳилаи асосии иборат мебошад:

**Марҳилаи 1: Таҳияи самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, ки аз 1 феврал то 31июни соли 2014-ро дар бар мегирад;**

**Марҳилаи 2: Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷетӣ барои солҳои 2016 ва 2017, ки аз 1 июл то 20 сентиябри соли 2014 – ро дарбар мегирад.**

Сиёсати молияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамӯҳлат дар асоси афзалиятҳое амалӣ карда мешаванд, ки онҳо дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, афзалиятҳои дар паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, стратегияҳои соҳавӣ, ки ӯҳдадории таҳияи онҳо ба вазорату идораҳои дахлдор гузошта шудааст ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ инъикосёфта, таҳия карда мешаванд.

Барои устувор ва шаффоф намудани банақшагирии буҷети соҳаҳо, дар Қонуни Ҷуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» мафҳуми «Тақсикунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (ТАМБ), ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлат вобаста мебошанд, муаян гардидааст. (нигаред ба моддаи 32 Қонун дар бораи молияи давлатӣ). ТАМБ (яъне вазоратҳои пешбари соҳавӣ) барои соҳаҳои дахлдори зерин муайян карда мешаванд:

**Ҷадвали №1 Вазоратҳои соҳавии пешбар аз рӯи соҳаҳо**

| **Вазоратҳои асосии соҳавӣ** | **Секторҳо** |
|---|---|
| Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои сектори 02 (Мудофиа) |
| Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои сектори 04 (Маориф) |
| Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои сектори 05 (Тандурустӣ) |

| | |
|---|---|
| Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои сектори 06 (Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) |
| Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои сектори 08 (Фарҳанг ва варзиш) |
| Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои сектори 09 (Саноат, сӯзишворӣ ва энергетика) |
| Вазорати кишоварзии Ҷухурии Тоҷикистон | Барои сектори 10 (Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор) |
| Вазорати саноат ва технологияи нави ҶТ | 11. Саноат ва сохтмон |
| Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои сектори 12 (Наклиёт ва камуникатсия) |

Дар ҷараёни марҳилаи аввал Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2017» - ро таҳия менамояд. Сохтор, мӯҳлати иҷро ва мақомотҳои дахлдор оид ба иҷрои «Самтҳои асосии сиёсати молияӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Марҳилаи банақшагирии стратегии буҷетиро дар солҳои 2015-2017 системаи информатсионии идоракунии молияи давлатӣ дар бар мегирад (минбаъд СИИМД). Системаи информатсионии идоракунии молияи давлатӣ метавонад маълумотҳои ҷамъбастиро аз рӯи буҷети заминавӣ ва дархостҳои буҷети барои афзалиятҳои нав, инчунин марҳилаи таҳияи ҳисоботҳоро дар шакли афтомати таъмин менамояд.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикисттон бо мақсади мустаҳкам намудани марҳилаи банақшагирии буҷетӣ ва таъмини шаффоияти ҳуҷатҳои методологӣ, тамоми маълумотҳо дар сомонаи вазорат интишор шудаанд. (http://minfin.tj/)

**Ҷадвали 2. Нақшаи тақвимии таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии барои солҳои 2015-2017**

| Чорабиниҳо | Мӯҳлати ниҳоӣ | Мақомоти давлатии масъул |
|---|---|---|
| Дастурамали соҳавӣ | 15 феврали 2014 | ВАС |
| Муайян намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ | 1 марти с. 2014 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Дурнамои даромадҳои давлатӣ дар давраи миёнамӯҳлат | 1 марти с. 2014 | Вазорат ва идораҳои дахлдор |
| Нақшаи инвеститсионии миёнамӯҳлат | 1 марти с. 2014 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Муайян намудани ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи миёнамӯҳлат | 15 марти с. 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Пешниҳод намудани дурнамои нишондиҳандаҳои асосии Буҷети давлатӣ ТАМБ, Мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 1 апрели с 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Таҳияи буҷети заминавии хароҷотҳои асосӣ ва пешниҳод намудани он ба ТАМБ | 15 апрели с 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Буҷетҳои базавии хароҷоти ҷорӣ | 1 май с. 2014 | Вазоратҳои асосии соҳавӣ |
| Лоиҳаи нақшаи стратегии соҳа | 10 май | Вазоратҳои асосии соҳавии пешбар |
| Пешниҳоди дархостҳои афзалиятноки буҷетӣ | 10 май | Вазоратҳои асосии соҳавии пешбар |
| Муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷотҳои мувақатии буҷетӣ аз рӯи соҳаҳо | 25 май | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Муҳокимаи буҷетӣ оид ба ҳадди ниҳоии хароҷотҳо аз рӯи соҳаҳо | 15-20 майи с 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазоратҳои асосии соҳавии пешбар |
| Пешниҳод намудани лоиҳаи «Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии | 1 июни с. 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | |
|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2017» ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ | | |
| Баррасӣ ва мукамал намудани гурӯҳбандии идоравӣ | 15 июни с. 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷот барои ТАМБ | 1 июли с. 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Тақсимоти ҳадди ниҳоии хароҷот ТАМБ | 5 июни с. 2013 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Тасдиқи дастурамал оид ба таҳияи марҳилаи 2 чараёни буҷет | 1 июли с 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Расонидани Дастурамали буҷетӣ, марҳилаи 2 ба ТАМБ ва дигар иштирокчиёни ҷараёни буҷетӣ | 5 июни с. 2014 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |

## *2. Ташкили ҷараёни марҳилаи банақшагирии стратегии буҷети аз рӯи соҳаҳо*

Вазоратҳои асосии соҳавии пешбар гурӯҳи кории байниидоравиро аз ҳисоби кормандони масъули вазорат ва дигар вазорату идораҳое, ки барномаҳои дахлдори соҳаро тадбиқ менамоянд оид ба таҳия намудани лоиҳаи буҷети соҳаҳои дахлдор таъсис медиҳанд. (марҳилаи стратеги)

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти кори дар соҳа дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи буҷет Вазоратҳои асосии соҳавӣ дастурамали соҳавиро таҳия менамоянд, ки дар он вазифаҳои тамоми иштирокчиёни буҷети, тартиби таҳия ва пешниҳоди дархостҳои буҷетӣ, тартиби тасдиқ ва меъёрҳои хароҷот бо дарназардошти функсияҳои махсуси ташкилотҳои буҷетии дахлдори соҳа нишон дода мешавад.

Тартиб ва формаҳои таҳияи буҷети заминавӣ дар сатҳи буҷетҳои маҳалӣ, тартиби ҳамкори бо Вазорати молия, вазоратҳои соҳавӣ ва мақомотҳои молияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар замимаи 6 дастурамали мазкур оварда шудааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки муқарароти мазкурро дар дастурамалҳои соҳавии худ ба инобат гиранд.

Таҳияи Буҷетҳои маҳаллӣ дар доираи ҷараёни буҷетӣ мутобиқи «Дастури методи барои таҳияи буҷетҳои маҳалӣ дар солҳои 2015-2017 » амали карда мешавад. (http://minfin.tj/)

Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2017 дар асоси дастурамали мазкур таҳия карда мешаванд.

Мутобиқи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1-ф аз 3 январи соли 2014: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2017 то 1 марти соли 2013 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакле, ки дар Замимаи 1 пешниҳод шудааст, пешниҳод менамояд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2014 нақшаи инвеститсионии миёнамӯҳлатро (НИМ) пешниҳод менамояд. НИМ ҳуҷҷате мебошад, ки дар раванди таҳияи буҷети давлатӣ аз он истифода мешавад. Нақшаи инвеститсионии мазкур дар асоси «Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ дар солҳои 2014 - 2016», тасдиқ шудааст таҳия карда мешавад. Нақшаи инвеститсионии миёнамӯҳлат бояд дурнамои нишондиҳандаҳоро барои се сол дар бар гирифта, маълумотҳоро оид ба лоиҳаҳои татбиқшавандаи инвеститсионӣ ва лоиҳаҳои нави амалишаванда, ки онҳо тасдиқ шудаанд нишон дода шаванд. НИМ дар шакле, ки дар замимаи 2 оварда шудааст таҳия карда мешавад.

Дар асоси Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 3 январи 2014 вазоратҳо, идораҳо, муассисаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидории давлатӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2014 маълумот оид ба ҳисоботи воридоти андозӣ, аз ҷумла андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, воридоти ғайриандозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет барои солҳои 2015-2017 аз рӯи корхонаю муассисаҳои тобеашон дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян ва пешниҳод намоянд.

## 4. ТАҲИЯИ БУҶЕТИ БАЗАВӢ

Буҷети заминавиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои асосии соҳавӣ мутобиқи Ҷадвали 1 ҳамин дастурамал, тибқи тартиби мазкур таҳия менамоянд.

а) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети базавии хароҷотҳои асосиро дар мӯҳлати то 15 апрели соли 2014 таҳия менамояд.

б) Буҷети базавиро аз рӯи секторҳои 01, 03, 07 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия менамояд.

в) Тамоми вазоратҳои пешбари соҳавӣ лоиҳаҳои буҷети базавии соҳаҳои далхдорро барои солҳои 2015-2017 таҳия намуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 1 майи соли 2014 пешниҳод менамоянд.

д) ҳисоби буҷети заминавӣ дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ дар якҷояги бо мақомотҳои маҳаллӣ мутобиқи замимаи n таҳия карда мешавад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи буҷети заминавии соҳаҳои маориф ва тандурустиро бо дарназардошти буҷетҳои маҳаллӣ таҳия намуда, буҷети заминавии соҳаҳои дахлдори худро бо дарназардошти буҷети заминавии пешниҳоднамудаи мақомотҳои маҳалии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамоянд.

е) Мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлати буҷети заминавии худро на дертар аз 10 апрел аз рӯи соҳаҳо ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод менамоянд.

Методика ва шакли таҳияи буҷети заминавӣ дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ, тартиби ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои асосии соҳавӣ, мақомотҳои молияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомотҳои соҳавӣ дар «Роҳнамо оид ба таҳияи буҷети базавии буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи соҳаҳо дар шакли таҷрибавӣ барои солҳои 2015-2017 барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ» дар замимаи 6 оварда шудааст.

Буҷети базавӣ хароҷотеро дар бар мегирад, ки барои амалӣ намудани сиёсати давлат дар доираи қонунҳои амалкунанда, ки барои таъмини ҳаҷми талаботи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар идораҳо айни замон зарур аст. Дар буҷети базавӣ барномаҳои наве, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ нашудаанд ё тағйиротдар сиёсати давлат ба барномаҳои (самтҳои хароҷот) амалишавандаи ҳозира ворид карда нашудаанд дар назар гирифта намешаванд.

Бо максади ҳамоҳанг намудани хароҷотҳои ҷорӣ бо хароҷотҳои асосии буҷети заминавӣ Вазорати молия ба вазоратҳои пешбари соҳавӣ маълумотҳои зарурири аз рӯи лоиҳаҳои инвиститсионие, ки дар давоми соли буҷетӣ ба анҷом мерасанд то 15 апрели соли 2014 пешниҳод менамояд. *(шакли 3.1. замимаи №3)*

Барои таҳияи буҷетӣ соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, нақлиёт ва комуникатсия ва ҳамчунин энергетикаю саноат гурӯҳбандии барномавии хароҷоти буҷет таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Буҷети базавӣ дар бахшҳои мазкур бояд дар асоси гурӯҳбандии барномавӣ амалӣ шавад. Дар тамоми дигар бахшҳо барои таҳияи буҷети базавӣ бояд гурӯҳбандии вазифавии хароҷоти буҷет истифода шавад.

Маълумоти муфассал ва тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи буҷети заминавӣ дар «Роҳнамо оид ба таҳияи буҷети заминавӣ» оварда шудааст. (http://minfin.tj/)

Дар ҳолати зарурӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрас намудани маълумотҳо ба вазорату идораҳои дахлдор ёрии худро мерасонад.

Ихтиёрдорони асосии маблағҳои буҷетӣ ва дигар мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки маълумотҳои дархостшударо дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин тибқи мӯҳлатҳое, ки дар календари таҳияи «Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» оварда шудааст таҳия намуда, мувофиқи Ҷадвали 2 дастурамали мазкур пешниҳод намоянд.

Вазоратҳои пешбари соҳавӣ буҷети базавии хароҷотҳои ҷориро дар асоси санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки самт ва ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатиро дар бахши дахлдор муайян мекунанд ва инчунин сифату шумораи талабот ва меъёрҳои (формулаҳо) ҳисоботии ҳаҷми хароҷот, нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ки тавассути қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, созишномаҳо ва шартномаҳои байналмилалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, таҳия менамоянд. Дар ҳолати набудани санадҳои муайян барои самтҳои (сатрҳои) алоҳидаи гурӯҳбандии буҷет, вазоратҳо бояд гипотезаи (фарзияи) умумии баҳодиҳии хароҷоти базавиро, ки Вазорати молия пешниҳод намудааст (Замимаи 3, Ҷадвалӣ (Шакли) 3.1.) барои индексатсияи сатҳҳои хароҷоти дахлдор, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014» омадааст, истифода баранд. Вазоратҳо фақат дар ҳолатҳои махсус бо асосноккунии муфассал метавонанд талаботи замимаи 3, Ҷадвалӣ (Шакли) 3.1. - ро сарфи назар кунанд[1].

Вазоратҳои пешбари соҳавӣ бояд то 1 майи соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети базавиро дар шакли (формати) 3.2, 3.2а, 3.2б ва 3.3-и дар замимаи 3 овардашуда пешниҳод намоянд. Дар баробари ин вазоратҳои пешбари соҳави бояд ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобҳои хароҷоти заминавиро дар файли дар Microsoft Excel овардашуда ва ё тавассути системаи итилотоии идоракнии молияи давлатӣ пешниҳод намоянд.

[1]Мисол: Вазорати тандурустӣ барои воридоти дору бояд ҳатман афзоиши арзиши онро бо дарнзардошти болоравии назарраси сатҳи таваррум дар Тоҷикистон ба назар гирад.

Буҷети базавии таҳияшудаи (зер) - бахш ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд он аз тарафи Вазир ё муовини вазири ҳамон вазорат ба имзо расонида шуда пешниҳод карда мешавад.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми буҷетҳои базавии пешниҳодшударо таҳлил намуда, дар асоси онҳо Буҷети давлатиии заминавиро таҳия менамояд. Дар ҳолати пайдо гардидани фарқияти назаррас доштани он Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид намудани тағйиру иловаҳо бо вазоратҳои соҳавӣ вохӯрӣ гузаронида, масъалаи мазкурро баррасӣ менамояд. Қарори ниҳоӣ оид ба ҳаҷми ниҳоии хароҷоти буҷети базавӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

Вазоратҳо метавонанд ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми дархостҳое, ки вобаста ба методологияи таҳияи буҷети базавӣ доранд, пешниҳод намоянд.

Баъди таҳияи Буҷети заминавии давлатӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон уфуқҳои фискалиро барои амалӣ намудани иқдомҳои нав дар асоси нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва дурнамои даромади буҷети давлатӣ ва инчунин сиёсати фискалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ( мувофиқи касри буҷет, андозҳо, қарзи давлатӣ ва ғайраҳо..) муайян менамояд.

Тамоми маълумотҳое, ки барои таҳияи буҷети базавӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд ва онҳо аз ҷониби Сарраёсат, раёсат ва Шӯъбаҳои дахлдори Вазорати молия таҳлил карда мешавад.

## 5. *ТАҲИЯ НАМУДАНИ ДАРХОСТҲО БАРОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ АФЗАЛИЯТҲОИ БУҶЕТИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ МИЁНАМӮҲЛАТ*

Ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ ва самаранокии бештари сиёсати буҷетӣ мутобиқ бо таҷрибаҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ афзалиятҳои калидии буҷет дар соли навбатии буҷетӣ ва давраи миёнамӯҳлат бояд дар оғози раванди буҷетӣ дар марҳилаи банақшагирии стратегӣ ( бо мақсади он, ки ҳадди ниҳоии буҷет дар тамоми раванди буҷет аниқ ва устувор бошанд) муайян карда шаванд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон аз санаи 3 январи соли 2014 №1-ф ҳангоми таҳияи «Самтҳои

асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2017», Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳи буҷетӣ ва ҳаддҳои ниҳоии хароҷотро барои соҳаҳо ва бахшҳо барои солҳои 2015-2017 баррасӣ ва тасдиқ менамояд.

Афзалиятҳои пешниҳодшаванда бояд самтҳои нави сиёсати давлатиро, ки айни замон маблағгузорӣ намешаванд ё қисман маблағгузорӣ мешаванд, инъикос намоянд. Он ҳамчунин метавонад дарбаргирандаи чораҳои нав ё тавсияи ҳаҷми фаъолиятро дар доираи сиёсатҳои аллакай амалишавандаро (аз ҷумла, мисли тавсияи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ба воситаи баланд зиёд намудани шумораи шаҳрвандон дар барномаҳои давлатии маблағгузоришаванда) дар бар гирад.

Барои муайян намудани афзалиятҳои буҷети Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоми вазоратҳо на бештар аз се афзалияти асосии буҷетии худро дар давраи миёнамӯҳлат (барои солҳои 2015-2017) ва дархостҳои таҳияшудаи афзалиятҳои буҷетиро (дар пайдарҳамӣ, аз якум то сеюм аз рӯйи дараҷаи зарурияттнокии афзалият) ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 майи соли 2014 пешниҳод менамоянд. Тамоми вазоратҳо дархостҳои афзалиятҳои буҷетиро мутобиқ бо нақшаҳои (формаҳои) дархостҳои вазоратҳо барои муайян намудани афзалиятҳои буҷетии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Замимаи 4 пешниҳод менамоянд.

Дархостҳои афзалиятҳои буҷетии вазоратҳо бояд се принсипи асосии зеринро дар бар гиранд:

1) Дархостҳои афзалиятҳои буҷетии вазоратҳо бояд мутобиқ бо афзалиятҳои миллии асосӣ, ки аллакай дар ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Точикистон муайян шудаанд ва тавассути Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, балки дар:
   - Стратегияи миллии рушд (СМР);
   - Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон (СБСНМТ);
   - Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
   - Дигар стратегияҳои соҳавие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд;
2) Дархостҳои афзалиятҳои буҷетии вазоратҳо бояд:
   - Афзалиятҳои соҳавии асосӣ,
   - Маблағгузоринашаванда (қисман маблағгузоришаванда),
3) Дархостҳои афзалиятҳои буҷетӣ бояд аз нуқтаи назари молиявӣ устувор буда, мутобиқи манбаъҳои банақшагирифтаи буҷети давлатӣ бошад. Пайдарҳам, ҳар як дархости алоҳидаи афзалиятҳои

вазоратҳо дар ҳар соли молиявии мушаххаси давраи миёнамӯҳлат на бояд аз 5% - и ҳаҷми буҷетҳои соҳавӣ барои соли ҷорӣ (барои соли 2014 дар асоси гурӯҳбандии вазифавии хароҷоти давлатӣ) бештар бошад. Ҳаҷми умумии тамоми дархостҳои афзалиятҳои буҷетии вазоратҳо дар ҳар соли молиявии мушаххаси давраи миёнамӯҳлат набояд бештар аз 15% ҳаҷми буҷети соҳаро барои соли ҷорӣ ташкил кунад.

Ҳангоми муайян намудани афзалиятҳои соҳаҳо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми маблағҳоеро, ки барои маблаггузории ҳадафҳои нави буҷетӣ дар ихтиёр дорад роҳнамоӣ мекунад.

Дархостҳои афзалиятҳои буҷетии вазоратҳо, ки бо ҳамаи ин принсипҳои ҳатмӣ мувофиқат намекунанд, қобили қабул шуморида намешаванд ва дар оянда баррасӣ намешаванд.

Вазоарти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди баҳодиҳии ҷамъоварии дархостҳои афзалиятҳои буҷетиро ташкил намуда, дархостҳои буҷетии вазоратҳоро дар доираи ҳуҷҷати «Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017»ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳои афзалиятҳои буҷетии вазоратҳоро дар асоси принсипҳои зерин баҳодиҳӣ менамояд:

- Муҳимияти стратегӣ (дараҷаи алоқамандӣ бо СМР, СБКСК ва ғайра);
- Тайёр намудани иқдомоти нав/лоиҳаҳо (масъалан марҳилаи омодагии базаи ҳуқуқӣ, оё имконияти амалӣ намудани лоиҳа дар соли навбатии молиявӣ вуҷуд дорад ва ғайра…);
- Устувории молиявӣ (оё захираҳои молиявӣ дар оянда дастрас ҳастанд, то ин ки иқдомоти нав/лоиҳа идома ёбад);
- Иҷроиши буҷети ҷорӣ ва солҳои пеш агар иқодомоти нав/лоиҳа тавсияи сиёсатҳои амалкунанда бошад (мисол, агар иҷроиши буҷет кам бошад, пас иқдомоти нав/лоиҳа наметавонад ба сифати афзалиятҳои буҷетӣ пешниҳод гардад);
- Самаранокии хароҷоти иқдомоти нав/лоиҳа (оё механизмаи пешниҳодшуда беҳтарин алтернатива аз нуқтаи назари самаранокии иқтисодӣ ҳаст).

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии дархостҳои афзалиятҳои буҷетӣ барои солҳои 2015-2017 метавонад аз вазоратҳои дахлдор дархости маълумоти иловагиро барои баҳодиҳии афзалиятҳои буҷетии пешниҳодшуда талаб намоянд.

## *6. Лоиҳаи нақшаи стратегии буҷети*

Бо мақсади мустаҳкам намудани ҷараёни банақшагирӣ дар марҳилаи 1 таҳияи буҷети давлатӣ, лоиҳаи нақшаи стратигии буҷетӣ аз рӯи соҳаҳо амалӣ карда мешавад.

Лоиҳаи нақшаи стратегии буҷетӣ дар асоси дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2015-2017 ба роҳ монда шуда, маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

- Нишондиҳандаҳои хароҷотии соҳа мувофиқи гурӯҳбандии буҷетӣ;
- Нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии соҳа ва индикаторҳои натиҷанокӣ;
- Характеристикаи барнома ва нишондиҳандаҳои асосии натиҷанокии он;
- Пешниҳодҳо оид ба тадбиқшавии чорабиниҳои нави афзалиятнок ва ҳисобҳои асоснок аз рӯи тадбиқшавии онҳо.

Шакл ва сохтори нақшаи стратегии буҷетии соҳаҳо дар замимаи 7 дастурамали мазкур муайян карда мешавад.

Нақшаи стратегии буҷети соҳаҳо аз ҷониби Вазоратҳои асосии соҳавӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои буҷетии зертобеи онҳо, дигар муассисаҳо, иҷрокунандагони барномаҳои буҷетии соҳа, мақомотҳои иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии дахлдори соҳа ва дигар мақомотҳо таҳия карда мешавад.

<u>Вазоратҳои асосии соҳавии пешбар ҳуқуқ доранд, ки маълумот ва маводҳои дахлдорро оид ба таҳия намудани нақшаи стратегии соҳа аз тамоми муассисаҳои дахлдори соҳа, бо дарназардошти мақомотҳои маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳои вобаста дар мӯҳлатҳое, ки дар дастурамали совие, ки аз ҷониби вазоратҳои соҳавии дахдор таҳия ва тасдиқ гардидааст талаб намоянд.</u>

Дигар маводҳои иловаги дар «Дастурамали методологи оид ба таҳияи нақшаи стротегии буҷетӣ» оварда шудааст. (http://minfin.tj/)

## *7. <u>Муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷот</u>*

Ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи бахшҳо ва Ихтиёрдорони асосии маблағҳои буҷетӣ тавассути Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

асоси дурнамоҳои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, сиёсати фискалӣ (касри буҷет, сиёсати қарзӣ ва андозӣ), афзалиятҳои буҷетӣ ва буҷети базавӣ дар давраи миёнамӯҳлат муайян карда мешаванд.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Точикистон дар муддати то 15 майи соли 2014 гурӯҳбандии идоравиро бо мақсади муайян намудани сохтор ва шумораи муассисаҳои буҷетиро бо дар назардошти тағиротҳои соли гузашта дида баромада, онро ба маълумоти ТАМБ мерасонад.

Шакли (формати) пешниҳод намудани ҳадди ниҳоӣ хароҷоти аз рӯи бахшҳо дар замимаи 5 оварда шудааст.

Ҳадди ниҳоии хароҷоти алоҳида барои хароҷоти ҷорӣ ва асосӣ (инвеститсия) муайян карда мешаванд. Ҳадди ниҳоии хароҷоти асосӣ (инвеститсия) дар асоси Нақшаи инвеститсионии миёнамӯҳлат, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад, муайян карда мешавад.

Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ниҳоии хароҷотро аз рӯи бахшҳо ва Ихтиёрдорони асосии маблағҳои буҷетӣ баррасӣ ва тасдиқ менамояд.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ниҳоии мувофиқашударо ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли лоиҳаи «Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» пешниҳод менамояд.

Вазароти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ниҳоии тасдиқшударо ба вазорату идораҳои дахлдор ва Ихтиёрдорони асосии маблағҳои буҷетӣ дар мӯҳлати то 5 июли соли 2014 мерасонад.

Дар такмили ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷет, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, банақшагирии захираҳои буҷетиро таҳия менамояд. Захираҳои банақшагирии буҷетӣ ҳамчун як қисмати алоҳидаи ҳаҷми умумии банақшагирии хароҷоти буҷетӣ мебошад. Банақшагирии захираҳои буҷетӣ тавассути Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти чараёни буҷет барои аз таъсироти манфии омилҳои берунӣ, ки пешбиниашон ниҳоят душвор мебошад, масалан мисли тағйироти дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, худдорӣ менамояд. Захираҳои банақшагирии буҷетӣ бо мақсади аз байн бурдани камшавии ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷетӣ таҳия мешавад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳангоми банақшагирии захираҳои буҷетӣ захираи музди меҳнатро низ дохил кунад.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати то 15 июли соли 2014 гурӯҳбандии идоравиро бо мақсади муайянкунии сохтор ва

шумораи ташкилотҳои буҷетӣ амалӣ намуда, ба маълумоти ТАМБ мерасонад.

## 8. *Таҳияи лоиҳаи «Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017»*

Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 ҳамчун як инструменти асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи буҷет мебошад. Мақсади асосии ҳуҷҷати мазкур тартиб додани характери стратегӣ ва шаффофият ба раванди буҷет дар асоси афзалиятҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон мебошад.

«Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017»дар худ дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, мақсадҳои сиёсати фискалӣ, афзалиятҳои буҷетӣ, буҷетҳои базавӣ ва хароҷоти ҳадди ниҳоӣ дар давраи миёнамӯҳлатро дар бар мегирад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» - ро барои тасдиқ ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 1 июни соли 2014 пешниҳод менамояд.

## *Замимаи 1. Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ*

### Формаи 1.1 Маҷмуи махсулоти дохили

| | Нишон - диханда | воқеи | | дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) | млн.сомонӣ | | | | | | |
| суръати афзоиши ММД | % | | | | | | |
| индекс-дефлятори ММД | % | | | | | | |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба хар сари ахоли | сомони | | | | | | |
| Ҳачми умумии маҳсулоти саноатӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Ҳачми умумии маҳсулоти кишоварзӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Самоягузориҳои давлатӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Сармоягузории ғайридавлатӣ (хусуси) | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Самоягузориҳои хоричӣ | млн.доллари ИМА | | | | | | |
| Гардиши савдои хориҷӣ | млн.доллари ИМА | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Содирот | млн.доллари ИМА | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Воридот | млн.доллари ИМА | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Боркашонӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Гардиши савдои чакана | млн.сомонӣ | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Хизматрасони пулаки ба аҳолӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| суръати афзоиш | % | | | | | | |
| Ҳаҷми умумии талобот | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Талаботи давлатӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Талаботи ғайри давлатӣ (хусусӣ) | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Қурби асъори миллӣ ( нисбат ба 1 доллари ИМА) | сомонӣ | | | | | | |
| Ҳаҷмиумумиииндексинархҳоиистеъмолӣ (сатҳитавварум) | % | | | | | | |
| Индекси нарҳо дар куваи барқ | % | | | | | | |
| Индекси нархҳо дар хизматрасониҳои коммуналӣ | % | | | | | | |
| Индекси нарх дар хизматрасониҳои алоқа | % | | | | | | |

| **Формаи 1.2 Муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нишон-диханда | **воқеи** | | **дурнамо** | | | |
| | | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| *Ҳаҷми содирот(бо нархҳои соли ҷорӣ)* | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Алюминий | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Пахта | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Меваю сабзавот | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Қувваи барқ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Дигар молҳо | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Хизматрасонӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| *Ҳаҷми умуммии воридот (бо нархҳои соли ҷорӣ)* | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Гандум | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Варидоти барқ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Глинозем (Оксид) | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Цемент | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Автомашина | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Дигар намуди молҳо | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Хизматрасонӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Тавозуни пардохт | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Тавозуни савдо | млн.сомонӣ | | | | | | |
| Интиқоли маблағҳои пулӣ | бо % аз талабот | | | | | | |
| Интиқоли маблағҳои пулӣ | млн.сомонӣ | | | | | | |

| **Формаи 1.3 Аҳоли ва бозори меҳнат** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нишон-диханда | **воқеи** | | **дурнамо** | | | |
| | | 2012 | 2013 | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| Шумораи аҳолӣ | хазор нафар | | | | | | |
| Бо кор машғул будани аҳолӣ | хазор нафар | | | | | | |
| Шумораи кормандон аз ҳисоби шаҳрвандони хориҷӣ | хазор нафар | | | | | | |
| Шумораи чойхои кории ташкилшаванда | хазор нафар | | | | | | |

*Замимаи 2* ***Нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузорӣва Баҳодиҳӣ ва муайян намудани афзалиятнокии лоиҳаҳои нави инвеститсионӣ***

**Нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузорӣ**

Дар асоси Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», ҳадафҳои нави буҷет (дар доираи афзалиятҳои пешбинишуда) ва буҷети заминавии он бояд алоҳида дар ҷараёни таҳияи буҷет дида баромада шаванд (бо назардошти самаранок ҳамоҳанг намудани хароҷотҳои заминавӣ ва дархостҳо ба афзалиятҳои буҷетӣ).

